# ХУЛОСАИ КОМИССИЯИ ЭКСПЕРТИИ

шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ оид ба диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика пешниҳод карда шудааст.

“5” 03 соли 2026 ш. Душанбе

Таҳқиқоти диссертатсионии Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» таҳқиқоти мустақилона анҷомдодаи докторант ба шумор меравад. Андешаҳои илмӣ, коркарди назариявию методологӣ, хулосаву тавсияҳо, ки барои пешрафи илми иқтисод метавонанд мусоидат намоянд, дар диссертатсия ба таври мушаххас инъикос гардидааст. Ҳамаи корҳои иҷрогардида аз ҷониби докторант мустақилона амалӣ гардида, дар онҳо мазмуни асосӣ ва натиҷаҳои бадастомада таҷассуми худро ёфтаанд. Таҳқиқиоти илмӣ масоили марбут ба такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳоро дарбар гирифта, муаллиф дар таҳқиқоти худ оид оид ба асосонок кардан ва нишон додани роҳу усулҳои такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе тавсияву пешниҳодҳои илман асоснокшударо манзур доштааст.

1. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 33 ва 34-и Тартиби додани дараҷаҳи илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст. Мувофиқат мекунад. Он фарогири масоили марбут ба такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо буда, дорои мазмун ва риояи низомнокии таҳлили мавод аст.

Сохтори диссертатсия ба талаботи муқаррargардида пурра мувофиқ мебошад. Диссертатсия дорои навгониҳои илмӣ буда, натиҷа ва нуқтаҳои барои ҳимоя пешниҳодгардида саҳми шахсии муаллифро дар таҳқиқи мавзуи мазкур нишон медиҳанд. Диссертатсияи пешниҳодшуда яке аз самтҳои таҳқиқишаванда дар соҳаи иқтисодиёт мебошад, ки бо забони тоҷикӣ омода ва барои ҳимоя пешниҳод карда шудааст.

2. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот дар доираи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика ба иҷро расонида шудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6D050600 – Иқтисодиёт (6D050607 – Иқтисодиёти нақлиёт ва логистика) мувофиқат мекунад: б.1. Равишҳои назариявӣ ва усулии таҳияи методҳо, механизмҳо ва афзорҳои нави амалкарди иқтисодиёт ва мутобиқшавӣ ба усулҳо, механизмҳо ва афзорҳои мавҷудбудаи амалкарди иқтисодиёт, ташкил ва

идоракунии субъектҳои хоҷагидор дар соҳаи нақлиёт; б.2. Мукаммалгардонии ташкил ва идоракунӣ дар соҳаи нақлиёт дар шароити бозорӣ; б.7. Ташхиси иқтисодии фаъолияти муассиса ва ширкатҳои нақлиётӣ, комплекси нақлиётии мамлакат, минтақаҳои он ва ғ.; б.11. Баҳо додан ва баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои нақлиётии аҳолӣ ва иқтисодиёти мамлакат; б.28. Стратегияи рушди иқтисодии ҳалқаҳои аввалия ва муттаҳидшудаи нақлиёт; б.33. Самаранокии ташкилию иқтисодӣ ва сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт; б.34. Механизми баланд бардоштани самаранокӣ ва сифати хизматрасониҳои нақлиётӣ; б.41. Шарикии давлатию хусусӣ дар соҳаи нақлиёт. Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот, ки аз рӯйи он ба Шурои диссертатсионӣ мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 07-уми январи соли 2022, №11/ш.д. ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя иҷозат дода шудааст, мувофиқат менамояд.

3. Натиҷаҳои аосии таҳқиқиот дар 11 мақолаи илмӣ, аз ҷумла, 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба нашр расонида шудаанд ва ҳамаи онҳо ба мавзуи диссертатсия бевосита иртибот доранд. Дар интишороти илмӣ натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқ мебошад.

4. Дар матни диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба рамият дароварда шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳанд.

5. Дар диссертатсия ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла, дар корҳои аз тарафи довталаб чопгардида мавҷуд намебошанд.

Комиссияи ташхис мутобиқи бандҳои 60, 61 ва 62-и Низомномаи Шурои диссертатсионӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2021, №267 ва бо иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295 тасдиқ гардидааст, қарор кард:

1. Диссертатсияи Сайфуллоҳзода Олуфта Мирулло дар мавзуи «Такмили механизми ташкили идоракунии ҳамлу нақли мусофирон бо микроавтобусҳо дар шаҳри Душанбе» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD – доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050607– Иқтисодиёти нақлиёт ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-015 назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ барои ҳимоя қабул карда шавад.

2. Бо пешниҳоди комиссияи экспертии Шурои диссертатсионӣ муқарризи расмӣ аз рӯйи мавзуи диссертатсия шахсони зерин муқаррар карда шаванд:

- **Рауфи Абдуғаффор** - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, профессори кафедраи маркетинги соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон;
- **Файзуллоева Сарвиноз Ҷумаевна** - номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи молия ва иқтисоди Тоҷикистон.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав тавсия дода шавад.
4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи ошкоро ва ҷойгир намудани матни автореферат ва диссертатсия дар сомонаҳои муассиса ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон розигӣ дода шавад.
5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол намудани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

Раиси комиссия:
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Бобоев О.

Аъзоёни комиссия:
доктори илмҳои техникӣ, дотсент,
аъзои Шурои диссертатсионӣ Сайдализода А.С.

Имзои д.и.и., профессор Бобоев О. ва д.и.т., дотсент Сайдализода А.С. тасдиқ менамоям.
Сардори РКваКМ ДТТ ба номи
академик М.С. Осимӣ Қодирзода Н.Ҳ.

номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини
декан оид ба таълими факултети
молия ва қарзи Донишгоҳи
байналмилалии саёҳӣ ва соҳибкории
Тоҷикистон Давлатзода Э.Д.

Имзои н.и.и., муовини декан оид ба таълими факултети молия ва қарзи ДБСваСТ тасдиқ менамоям.
Сардори РКваКМ ДБССТ Ҷураев Ш.Н.